# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «06» 09 соли 2024 № 311/уи ш. Душанбе

*Дар бораи додани унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 18 банди 9 ва сархатҳои 4 ва 10 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 2, 4 ва 5, сархати 1 банди 38 ва банди 40 Тартиби додани унвонҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Ба 2 (ду) нафар довталабони дар замимаи фармоиши мазкур зикргардида, шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода шавад.
2. И.в. мудири шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ (Сарватманди Қ.) вазифадор карда шавад, ки барои таъмин ва барасмиятдарории 2 (ду) адад шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент чораҳои зарурӣ андешад.
3. И.в. мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ (Муродзода А.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионии довталабон чораҳои зарурӣ андешад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Шарифзода М.М. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 сентябри соли 2024, №9

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи
олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «06» 09 соли 2024, № 311/ую

Рӯйхати
довталабони дарёфти унвони илмии дотсент, ки ба онҳо шаҳодатномаи намунаи давлатии унвони илмии дотсент дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаби дарёфти унвони илмии дотсент | Муассисае, ки барои сазовор донистани унвони илмии дотсент ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст |
|---|---|---|
| 1. | Бобокалонзода Ҷамолиддин Муродалӣ | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Биологияи умумӣ» |
| 2. | Давлатов Мақсудҷон Нарзиалиевич | Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур; дотсент аз рӯйи ихтисоси «Зоотехния» |